Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, ш. Душанбе,
маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки
донишҷӯён, бинои таълимии 8

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновна ба диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

**1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.**

Мубрамият ва муҳиммияти мавзӯи кори диссертатсионии тақризшаванда дар он таҷассум меёбад, ки рушди ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ, махсусан дар менеҷменти сайёҳии мамлакат, яке аз шартҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷой қайд намудан ба маврид аст, ки тайёр кардан ва ҳавасманд гардонидани кормандону мутахассисон, муҳайё намудани шароитҳои мувофиқ ва ҷалби бештари сармоягузорон вазифаҳои аввалиндараҷаи идоракунии соҳаи мазкур ба ҳисоб меравand.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти гузаронидаи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович оиди такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иҷтидори меҳнатӣ дар асоси маводҳои идоракунии соҳаи сайёҳии Тоҷикистон бамаврид ва саривақтӣ мебошад. Ба ин таркиб ва мазмуни кори диссертатсионӣ, мақсад ва вазифаҳои дар он гузошташуда, ки мушаххас назария ва амалияи идоракунии рушди иқтидори меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии истифодабарии онро дар бахши соҳаи сайёҳӣ дар бар мегирад, низ шаҳодат медиҳад.

Муаллиф дар кори диссертатсионии ба ҳимоя тайёр намудаи худ дуруст қайд намудааст, ки вобаста ба шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва тезу тунд шудани рақобат дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ, мавқеъгирӣ дар ин бахш хеле мураккаб гардидааст. Барои ҳамин ҳам дар менеҷменти ҳозиразамон ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, алалхусус дар бахши сайёҳӣ, яке аз самтҳои асосии идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин нуқтаи назар, мавзӯи интихобгардида инчунин бо ислоҳотҳое, ки дар мамлакат гузаронида шуда истодаанд, вобаста буда, вазифаи аввалиндараҷа – таъмин намудани сатҳи баланди некӯаҳволии зиндагии аҳолӣ ва кам гардонидани камбизоатӣ ба воситаи такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тариқ, чӣ хеле, ки дар боло қайд намудем, мавзӯи кори диссертатсионии тақризшаванда актуалӣ буда, пешбурди таҳқиқот дар ин самт сари вақтӣ мебошад, ки дар он ҳалли муаммоҳои дар соҳаи мазкур ҷой дошта мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

## 2. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илм.

Таҳқиқоти диссертатсионии гузаронида ва ба ҳимоя пешниҳод шудаи Эсанов М.Д. ба Феҳристи шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА)-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) иҷро гардида, бо бандҳои 19 – Кадрҳои идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва густариши кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии сатҳи касбӣ-вазифавӣ ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Методҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олӣ; 20 – идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун намуди вижаи фаъолияти касбӣ: мақсад, усул (принсипҳо), таҳаввулоти равишҳо. Моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилот. Салоҳиятнокии ҳайати

шахсӣ ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва идоракунии ҳайати шахсӣ. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайати шахсӣ мутобиқат мекунад.

### 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.

Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард ва асоснокунии ҷанбаҳои назариявии механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили ин соҳаи муҳимми ҷамъиятиро дар бар мегиранд. Нуқтаҳои асосии натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгониҳои илмиро ифода менамоянд, аз ҷузъҳои зерин иборат мебошанд.

1. Дар асоси омӯзишу таҳлили равишҳои назариявӣ-консептуалии гузаронидашуда оид ба такмили механизми муосиртарини истифодабарии ҳавасмандкунии иқтидори меҳнатӣ, моҳият ва аҳаммияти иқтисодии он шарҳ дода шудаанд. Инчунин муосиртарин механизмҳои ҳавасмандгардонии кормандон ин ҳаққи меҳнати қаноатмандкунанда, мукофотҳои нақдию ғайринақдӣ ва шароитҳои мусоиди корӣ дониста мешаванд (саҳ. 15-30).

2. Дар асоси таҳқиқотҳои илмӣ нақш ва аҳамиятнокии идоракунии иқтидори меҳнатӣ нисбат ба дигар иқтидорҳо муайян карда шуда, унсурҳо, марҳилаҳо ва шароити рушди иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ ба воситаи истифодабарии механизми ҳавасмандгардонӣ нишон дода шуда аз тарафи муаллиф асоснок карда шудааст, ки рушди соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ ва зерсохторҳои он ба идоракунии самараноки иқтидори меҳнатӣ ниёз доранд (саҳ. 30-45).

3. Муаллиф вазъи ҳозираи хизматрасониҳои соҳаи сайёҳиро дар миқёси ҷумҳурӣ таҳлил карда, ташаккул додани равиши консептуалиро дар асоси ташаккули механизми ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ бо истифода аз таҷрибаи инноватсионии хориҷӣ ҳамчун яке аз роҳҳои

асосии ноил гаштан ба мақсадро зарур донистааст (саҳ. 45-126).

4. Аз тарафи муаллиф механизми инноватсионии муосир таҳия гардида, пешниҳод карда шудааст, ки таҳияи дастурҳо оид ба ташаккули низоми ҳавасмандгардонии идоракунии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ бо истифода аз ин механизми пешниҳодшаванда ҷиҳати беҳбуд бахшидан ва таваҷҷӯҳ ба сармоягузории ин самт чораандешӣ карда шудаанд (саҳ. 126-140).

5. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ такомули механизми ҳавасмандгардониро муаллиф ҳамчун яке аз роҳҳои истифодабарии самараноки иқтидори меҳнатӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ дониста, қайд намудааст, ки пешниҳодҳои илман асоснок гардида метавонанд ба инкишофёбии соҳаи мазкур мусоидат намояд (саҳ. 140-162).

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.

Муаллифи кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳод карда шуда мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии таҳқиқот муайян намуда, аз методикаи дар таҳқиқотҳои олимони ватаниву хориҷии соҳаи мазкур асосёфта оид ба таҳлили хусусият ва такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон дар шароити кунунии рушди иқтисодиёт истифода намудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, иттилооти истифодашуда тасдиқ намуда, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дар асоси омӯзиши низоми идоракунии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо истифода аз механизмҳои ҳавасмандгардонӣ натиҷагирӣ шудаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Натиҷаҳои илмии дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронида шуда ба даст овардаи унвоҷӯй Эсанов М.Д. аз таҳқиқоти назариявию методии идоракунии самараноки иқтидори меҳнатӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ иборат мебошад, ки дар он ақидаҳои мактабҳои иқтисодӣ ва олимони ватанию хориҷӣ дар амал асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани низоми идоракунии кормандони соҳа дар шароити рақамикунонӣ васеъ истифода бурда шаванд.

Алалхусус, натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ба дастовардаи унвонҷӯйро дар роҳи самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар ширкатҳои сайёҳии мамлакат истифода бурдан мумкин аст. Аз ин сабаб, натиҷаҳои таҳқиқот ба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Таҳлилҳои маълумоти пешниҳодшуда шоҳиди онанд, ки муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 17 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маводҳои чоп шудаи конференсияҳои байналмиллалию ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошанд.

## 7. Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.

Мутобиқати ба расмият дарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи тақризшаванда ба меъёрҳои бо бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, муқаддима ва бахшҳои он – мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ, фарзияи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ, сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертатсионӣ, даврахо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот оид ба мавзӯи диссертатсия, сохтор ваҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷиҳатҳои муҳими онро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотро пурра дарбар гирифта, мутобиқ ба талаботи мавҷуда таҳия гардида аст.

## 8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

1. Муаллифи диссертатсия дар зербоби 1.3 таҷрибаи давлатҳои тараққӣ кардаи ҷаҳонро овардааст, ки ба рушду инкишофи соҳаи сайёҳӣ таъсири бевосита мерасонад, вале ин дар шакли умум оварда шуда аст. Ба фикри мо, муаллиф мебоист таҷрибаи яке аз ин давлатҳоро, ки барои рушди соҳаи

мазкури кишвар таъсири мусбӣ дорад, пешниҳод менамуд ва ин ба манфиати кор мешуд.

2. Бояд қайд намуд, ки ҳангоми омӯзиши асосҳои назариявӣ-консептуалии ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳӣ муаллиф таҳқиқоту гуфтаҳои олимони ватанию хориҷиро (алалхусус дар намуди ҷадвалу расмҳои оварда шуда) аниқтар намуда мавқеи худро возеҳтар нишон медод, боз ҳам хубтар мешуд (саҳ. 15-45).

3. Дар саҳ. 60-61 ҳангоми дида баромадани корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳақиқони амрикоӣ (расми 2.1) аз тарафи муаллиф шарҳу тавзеҳи пурра дода нашудааст.

4. Дар таҳқиқот муаллиф ҳангоми омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти арзёбӣ ва таҳлили муқоисавии дар амал истифодабарии онро муҳим шуморидааст (саҳ. 45-59), лекин роҳҳои истифода бурдани ин таҷрибаро бо назардошти хусусиятҳои миллӣ мушаххас нишон надодааст.

5. Унвонҷӯ дар кори диссертатсионӣ ташкилотҳои минтақавии сайёҳӣ (ТМС)-ро пешниҳод намудааст, вале дар кадом минтақаҳои ҷумҳурӣ онҳоро ташкил намудан мумкин аст, муфассал қайд накардааст.

Ҳамзамон қайд кардан бамаврид аст, ки ба фикри мо, эроду тавсияҳои дар боло зикршуда, хусусияти тавсиявӣ дошта ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсир намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқотҳои минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло қайд намудан бамаврид аст, ки кори диссертатсионӣ ва автореферати аз ҷониби Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмию тахассусии унвонҷӯ мустақилона ба итмом расида

аст ва ба талаботи пешниҳод гардидаи Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур ба ҳисоб меравад.

**Муқаррizi расмӣ**
профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Д.С.

**Суроғаи донишгоҳ**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Тел.:(+992) 918-74-94-94 (моб.)

e-mail: dilbar_amonova@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновнаро тасдиқ менамоям.

Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи
(славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

18.12.2024